# ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи «Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият ва таърихи психология, аз ҷумла ба банди 36 «таърихи психологияи ватанию хориҷӣ. Баҳамалоқамандии ҷаҳонбинии муҳаққиқ ва андешаҳои психологии ӯ»; банди 37 – «таърихи психология» мувофиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда** дар он зоҳир мешавад, ки ҳоло масъалаи омӯзиши психологияи ватанӣ дар замони соҳибистиқлолӣ яке аз масъалаҳои актуалии илми психология дар шароити кунуниро ташкил медиҳад. Дар баробари истиқлоли сиёсӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон, илми ватанӣ низ мустақилиро ба даст овард ва дигар соҳаҳои илм низ таҳқиқоти илмиро вобаста ба дастовардҳои даврони истиқлол дар тафовут бо даврони шуравӣ ташкил ва баргузор намуданд. Дар ин замина рушди психологияи илмӣ-амалӣ, дар маҷмуъ психологияи ватанӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди худшиносӣ, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, пешгирии мардум аз пайомадҳои хавфу хатарҳои шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ далолаткунандаи муҳиммияти фаъолияти психолог дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мебошад.

Психологияи илмию амалӣ, дар маҷмуъ, психологияи ватанӣ бояд дар ҳалли чунин масъалаҳои асосӣ, ба монанди: расонидани кумаки психологӣ ба осебдидагони офатҳои табиӣ; вайроншавии оилаҳо; осебдидагон аз таркиши минаҳо; кор бо гурезагон; кор бо кӯдакон ва оилаҳои ба гурӯҳҳои ифротӣ

шомилгардида; гузаронидани ташхисҳои судӣ-психологӣ; кумак ба шаҳрвандон дар робита ба хатарҳои замони муосир, ба монанди бемориҳои фарогир, терроризму экстремизм ва ғайра ва ниҳоят омода кардани мутахасисони касбии ватанӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мазкур мебошад.

Масъалаи психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон ва рушди дурнамои он дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳанӯз мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода нашудааст, ки ин яке аз омилҳои мубрам будани мавзуи таҳқикро ишора мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмӣ иборат аст, аз:

– нахустин маротиба дар Тоҷикистон таърихи рушд ва вазъи ҳозираи психологияи ватанӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шуд;

– таҳлилу баррасии шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба ошкор кардани вазъи кунунӣ ва муаммоҳои психологияи амалӣ дар Тоҷикистон ва назари мардум ба он;

– муайян кардани маҳорати зоҳиркунии эмпатия дар ихтисосмандон ва ғайримутаххассион, ки ба фаъолияти психологияи илмию амалӣ машғуланд;

– таҳияи гардидани ду пурсишномаи психологӣ вобаста муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академӣ ва амалӣ.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар натиҷаи таҳлили психологияи илмӣ-амалӣ маълум гаштааст, ки рушди ин соҳаҳо ба таври гуногун паси сар шудааст: психологияи амалӣ дар шароити кунунӣ дар сатҳи баланд қарор дошта, рушди психологияи илмӣ бошад, дар ҳолати инкишоф қарор дорад.

2. Рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон дар маҷмуъ се даврабандииии калонро дар бар мегирад: даврабандии аввал ин такя ба афкор ва ғояҳои психологии мутафаккирони Шарқ, дуюм – ба мактабҳои Шуравӣ ва даврабандии ниҳоӣ – ин давраи соҳибистиқлолӣ;

3. Муҳаққиқони ватанӣ, хусусан муҳаққиқони даврони Шуравӣ, ба монанди М. Ярошевский ва Д.И. Фелдштейн ва муҳаққиқони даврони соҳибистиқлолӣ Р. Атохонов, А. Баҳовиддинов, Юнусова Н., Мансурова А.Р., Зайтметов Ҳ.А. ва дигарон дар рушди психологияи илмию амалӣ нақши назаррасро гузоштаанд;

4. Дар асоси таҳлили психологии шабакаҳои иҷтимоӣ муайян гардидааст, ки ҷумҳурӣ ҳоло ба психологони касбӣ ниёз дошта, бинобар дар шабакаҳои иҷтимоӣ баромад накардани мутахассисони касбӣ ва ба воситаи сомонаҳою шабакаҳои иҷтимоӣ расонаӣ накардани дастовардҳои хеш, ба ҷойи онҳо ғайримутахассисон баромад мекунанд, ки дар натиҷа боварӣ ба соҳаи мазкур аз ҷониби ҷомеаи тоҷикистонӣ коста мегардад;

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар он ифода меёбад, ки пурсишномаи аз ҷониби диссертант таҳиягардида, аз тарафи коршиносон қобили қабул дониста шуда, бо дарназардошти усулҳои муосири таҳқиқот ва принсипҳои илмӣ таҳия ва гузаронида шуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 4 ҷадвал ва 24 диаграммаро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии кор аз 172 саҳифаи чопӣ иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 122 номгӯ иборат аст.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамияти мавзуъ, сатҳи пажуҳиши илмии мавриди таҳлил қарор дода шуда, объекту масъалаи асосӣ, фарзияи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян гардида, тавсифи асосҳои илмӣ-методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ оварда шуда, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, баёни навгонии илмӣ, инчунин муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** масъалаи заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди психология аз ҷиҳати назариявӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, боби мазкур аз ду зербоб иборат аст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** оид ба рушди психология, заминаҳо ва хусусиятҳои рушди он дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, таҳлили муқоисавии фаъолияти психологҳои академӣ-амалӣ дар марҳилаи кунунии рушди психологияи ватанӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин боб ду зербобро фаро мегирад.

**Дар боби сеюми диссертатсия** пурра қисмати амалии таҳқиқот фаро гирифта шуда, масъалаи таҳқиқи озмоишии рушд ва дурнамои психологияи илмию амалӣ дар шароити кунунии ҷомеаи Тоҷикистонӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, аз ду зербоб иборат аст.

**Хулоса аз 5 банд иборат буда, чунин нуктаҳоро дарбар мегирад:**

1. Дар осори мутафаккирони Шарқ ва ҳам тоҷику форс дар баробари андешаҳо, ҳамзамон, ғояҳои психологӣ ҷиҳати рушди илми психология ба назар мерасанд. Хусусан дар рушди соҳаҳои нав ба нави илми психология дар замони муосир саҳм гузоштаанд. Масалан, Абуалӣ ибни Синоро метавон асосгузори психологияи синнусолӣ, Розиро заминагузори психология тиббӣ ва ё психологияи клиникӣ шуморид. Бо таҳлили осори гузаштагон метавон мутафаккиронро ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

- андешаҳояшон бештар хусусияти тарбиявӣ дошта, ҳадафашон ба таълиму тарбияи башарият аст;

- бештар ба масъалаҳои амалии психологӣ машғул гаштаанд ва метавон онҳоро ҳамчун психолог ёдовар шуд.

2. Психологияи тоҷик робитаи зиче ба психологияи рус, хусусан даврони Шуравии он дорад. Муносибат ба ин илм дар солҳои пойдории ин давлат якранг набудааст. Психология дар даврони Шуравӣ охири солҳои 30-юм ҳамчун илми мустақил шинохта шуда, баъд аз ҶБВ ба он таваҷҷуҳи хоса дода нашудааст. Вале рушди асосии он, ҳамзамон, ташкили марказҳои психологӣ дар ҳудуду Шуравӣ ба солҳои бозсозӣ рост меояд.

3. Заминаҳои инкишофи психологияи ватанӣ (психологияи илмию амалӣ) давраҳои мураккаби сиёсиву иҷтимоиро аз сар гузаронидааст. Дар ин ҷода ҷанги шаҳрвандӣ дар назар дошта шудааст. Ҷомеаи ҳамонвақтаи Тоҷикистон ба кумаки психологони амали ниёз доштанд ва таҷрибаи амалии

психологони амалӣ имкон дод, то психологияи ватанӣ дар дараҷаи муайян инкишоф диҳанд.

4. Таҳқиқи масъалаи фаъолияти касбии психологияи илмию амалӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки муҳаққиқони ин самтро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст. Гурӯҳе аз муҳаққиқон бар он андешаанд, ки фаъолияти касбӣ бояд бо назардошти вазъи сиёсиву иқтисодии ҷомеаи омӯхта шавад гурӯҳи дигари муҳаққиқон тавсифи профессиографии фаъолиятро новобаста аз ин гуна вазъиятҳо мебинанд.

5. Дар асоси тавсифи профессиографӣ метавон талаботи касбию шахсии дилхоҳ касбро муайян намуд. Ҳарчанд психологҳои соҳаи академию амалиро фарқ кардан басо душвор аст, аммо талаботи касбию шахсии онҳо дар рисолаи мазкур оварда шудааст. Аз таҳлил маълум мегардад, ки дар масъалаи талаботи касбию шахсӣ фарқият вуҷуд дорад во он боиси дар сатҳи зарурӣ иҷро намудани фаъолияти касбии ҳам психологияи илмӣ ва ҳам психологияи амалӣ мегардад.

**Аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот имкон медиҳад, ки заминаҳои таърихии рушди психологияи илмию амалӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ омӯзиш ва муайян карда шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад бо таҳия ва коркарди пурсишнома, ҳамзамон, муайянсозии вазъи кунунии рушди психологияи ватанӣ, ҳамчунин муайяну аниқ намудани сифатҳои муҳимми касбии психологҳои соҳаи академӣ ва амалӣ алоқаманд аст. Маълумоти аз таҳқиқот бадастомадаро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ зимни гузаронидани машғулиятҳо аз фанни психология, ҳамзамон, дар воҳидҳои кадрӣ ҷиҳати қабули психологон ба кор мавриди истифодаи васеъ қарор дод.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои калидӣ ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар 4 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйиншуда чоп шудаанд. Ҳамзамон, дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳо зери унвони "Тамоюлҳои рушди психологияи муосир ва татбиқи

онҳо дар низмои таҳсилоти рақамӣ”, “Нақши психотаърих дар шароити ҷаҳонишавӣ” иштирок ва баромад намудааст.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият ва таърихи психология, аз ҷумла ба банди 36 «таърихи психологияи ватанию хориҷӣ. Баҳамалоқамандии ҷаҳонбинии муҳаққиқ ва андешаҳои психологии ӯ»; банди 37 – «таърихи психология» мувофиқат менамояд.

**Дар баробари баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиву норасоиҳо ва ғалатҳои имлоиву грамматикӣ мушоҳида мегардад, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо кард:**

1. Дар қисми назариявии таҳқиқот таҳлили адабиёти муосири хориҷӣ ва корҳои илмии солҳои охир нисбатан маҳдуд ба назар мерасад. Барои тақвияти заминаи назариявии таҳқиқот хуб мебуд, ки дастовардҳои нави илмии муҳаққиқони байналмилалӣ васеътар истифода ва мавриди муқоиса қарор дода шаванд.

2. Дар таҳияи даврабандии рушди психология дар Тоҷикистон меъёрҳои илмии ҷудокунии марҳилаҳо ба таври кофӣ асоснок нашудаанд. Мувофиқи мақсад мебуд, ки нишондиҳандаҳо ва асосҳои методологии ин даврабандӣ муфассалтар шарҳ дода шаванд.

3. Ҳангоми таҳлили натиҷаҳо бештар омори тавсифӣ истифода шудааст, дар ҳоле ки истифодаи усулҳои пешрафтаи оморӣ метавонист сатҳи эътимоднокии хулосаҳои илмиро боз ҳам баландтар намояд.

4. Дар баъзе қисматҳои матн номувофиқатии услубӣ ва техникии пешниҳоди иқтибосҳо, номгузории муаллифон ва тартиби феҳристи адабиёт ба мушоҳида мерасад. Тавсия мешавад, ки тамоми иқтибосҳо ва рӯйхати адабиёт тибқи талаботи ягонаи академӣ ва меъёрҳои муосири библиографӣ бознигарӣ карда шаванд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба арзиши умумии диссертатсия таъсир намекунанд ва дар оянда ҳангоми нашри монография ба эътибор гирифтани онҳо боиси афзун шудани ҳусни пажуҳиш хоҳад шуд.

**Хулосаи ниҳоӣ.** Дар маҷмуъ метавон чунин нуктаҳои асосиро ба сифати хулосаи ниҳоӣ пешниҳод намуд:

1. Психологияи илмию амалӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ яке дар ҳолати баланд (психологияи амалӣ) ва дигаре бошад, дар ҳолати рушд (психологияи илмӣ) қарор дорад. Таъсиси шуроҳои диссертатсионии ватанӣ, ҷалби олимони хориҷ ба ин шуроҳо ва хоҳиши довталабони хориҷӣ ҷиҳати дифоъ дар ин шуроҳо далолаткунанда ва нишондиҳандаи гуфтаҳои болозикр мебошанд.

2. Фарзияҳои гузошташуда дар маҷмуъ исботи худро ёфтанд. Мушаххасан, омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ, таълимӣ ва илмӣ ба рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон таъсири худро расонид ва вобаста ба он рушди онҳо муайян гардид. Хусусан, мероси пас аз Шуравӣ, хусусиятҳои тафаккури миллӣ ва ниёзмандии ҷомеа ба ташаккули мактабҳои ватании психологӣ таъсири ҳалкунанда расонидааст.

3. Рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон хусусияти системавӣ дошта, аз таъсири омилҳои иҷтимоӣ-таърихӣ, фарҳангӣ ва институтсионалӣ вобаста буда, дар айни ҳол дараҷаи рушди онро сатҳи ҳамгироии илм, таҳсилоти касбӣ ва амалияи психология муайян намудаанд.

4. Ҳар як марҳила бо шароити муайяни иҷтимоӣ-сиёсии худ ва ташаккули муассисаҳои илмӣ, таълимӣ ва амалияи психология тавонист, то рушди психологияро дар Тоҷикистон муайян намояд. Ба ҳама аён аст, ки ҷанги шаҳрвандӣ чӣ гуна хисороти молию ҷониро ба бор овард. Ҷанги шаҳравандии дар Тоҷикистон шудагузашта низ мушкилотҳои гуногуни сиёсию иҷтимоиро ба бор овард, ба монанди: рӯ ба гурез ниҳодани шаҳрвандон, авҷ гирифтани муҳоҷират ва дигар мушкилотҳои сиёсию иҷтимоӣ. Ин мушкилотҳои ишорагардида тавонистанд, то як андозае барои рушди психологияи амалӣ такон диҳанд;

5. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот маълум гардид, ки дар рушди психологияи ватанӣ дар баробари норасоии ҳамгирой, инчунин номувозинатӣ байни психологияи илмӣ ва амалӣ ба рушди психологияи ватанӣ монеа гардид ва ин боиси суст гардидани суръати рушди низоми психология дар Тоҷикистон гардид. Худи мафҳуми норасоии ҳамгирой дар рушди психологияи ватанӣ нақши марказиро ишғол намуд. Масалан, дар ибтидои ХХ психология ба мактабҳои гуногуни тақсим шуда буд, ки ҳар кадом танҳо як паҳлуи шахсро мавриди омӯзиш қарор медоданд. Дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ норасоии ҳамгрой маънои парокандагиро дода метавонад.

6. Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада нишон доданд, ки тақвият додани робита байни илм, таҳсилот ва амалияи психология дар замони муосир ҷиҳати рушди илми психологияи ватанӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бо ибораи дигар, ба рушди устувор ва самаранокии психология дар Тоҷикистон тақвият додани робита байни илм, таҳсилот ва амалияи психология мусоидат менамоянд.

**Муқаррizи расмӣ:**
Доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи
психологияи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Зайтметов Ҳ.А.

"01" июни соли 2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Почтаи электоронӣ: zaytmetovk@mail.ru
Тел: (+992) 92-991-11-03

*"Имзои доктори илмҳои психологӣ, дотсент Ҳ.А. Зайтметовро тасдиқ менамоям":*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров" Сайдуллозода З.С.